13918 - Сӯҳбат кардан бо махтуба (номзад, зане ки мард ба ӯ хостгор шудааст) дар ҳоли рӯза

савол

Оё барои мусулмон ҷоиз аст, ки дар ҳоли рӯза бо махтубааш бо телефон сӯҳбат кунад?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Сӯҳбат бо махтуба якчанд қоидаҳое дорад, ки шумо метавонед онро дар ҷавоби саволи рақами 13791 бо тафсил пайдо кунед.

Агар ин қоидаҳо риоя шаванд, бахусус қоидаи барангехта нашудани шаҳват ва вуҷуд доштани зарурат, ин чиз ҷоиз аст. Аммо агар баъзе аз ин қоидаҳо риоя нашаванд, он сӯҳбат ва гуфтугӯ аз нигоҳи Шариат мамнӯъ мегардад.

"Агар зери по намудани ҳадди шаръӣ дар ҳоли рӯза бошад, (яъне ҳудуди шаръӣ дар ҳоли рӯза поймол шавад) савоби рӯза кам мешавад ва гуноҳи он бадтару сангинтар мебошад, зеро он дар замони бофазилат (дар моҳи Рамазон) рух додааст. Барои рӯзадор шоиста аст, ки рӯзаашро аз ҳар чизе, ки ба он халал ва нуқсон ворид мекунад, ҳифз намояд".